“Тасдиқ мекунам”
Ректори МДТ “ДДТТ ба номи
Абуалӣ ибни Сино”,
д.и.т., профессор
____________Муҳиддин Н.Д.
аз “_06_“ ______02______2026 с.

# ХУЛОСАИ

Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино” (МДТ “ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино”)

Диссертатсияи Раҳимзода Олим Шариф дар мавзуи “Оптимизатсияи ташхис ва муолиҷаи невралгияи баъдигерпесӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз рӯйи ихтисоси 3.1.11 – Неврология, ки дар кафедраи асабшиносии МДТ “ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино” иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Раҳимзода Олим Шариф унвонҷуи кафедраи асабшиносии МДТ “ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино” ба шумор мерафт.

Раҳимзода О.Ш. соли 2014 ба факултети тиббии МДТ “ДДТТ номи Абуалӣ ибни Сино” дохил шуда, онро соли 2020 аз руи ихтисоси «Кори табобатӣ» хатм намуд. Бо мақсади идомаи таҳсил соли 2020 ба «интернатураи клиникӣ» дохил шуда, онро соли 2021 ба анҷом расонд. Солҳои 2021-2023 таҳсили худро дар ординатураи клиникӣ идома дод.

Номбурда бо фармоиши ректори МДТ “ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино” аз «05» апрели соли 2024, №70§2 ба ҳайси унвонҷуии кафедраи асабшиносии МДТ “ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино” қабул карда шудааст.

Мавзуи рисолаи илмӣ “Оптимизатсияи ташхис ва муолиҷаи невралгияи баъдигерпесӣ”, роҳбари илмӣ н.и.т., дотсент Исоева М.Б. дар шурои олимони факултети тиббии МДТ “ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино” аз 21 ноябри соли 2024 (суратҷаласаи №4) тасдиқ карда шуданд.

Шаҳодатномаи №801 оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ 22 сентябри соли 2025 аз ҷониби МДТ “ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино” дода шуд.

Дисертатсияи Раҳимзода О.Ш. дар ҷаласаи комиссияи проблемавии байникафедравӣ аз «31» январи соли 2025, №28 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзӯи «Оптимизатсияи ташхис ва муолиҷаи невралгияи баъдигерпесӣ» хулосаи зерин қабул карда шуд:

**Мутобиқати ихтисос ва номи мавзӯъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Рисолаи илмии Раҳимзода Олим Шариф дар мавзуи “Оптимизатсияи ташхис ва муолиҷаи невралгияи баъдигерпесӣ”, ба шиносномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 3.1.11. - Неврология мувофиқат мекунад.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Кори диссертатсионӣ дар доираи татбиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аз 30 сентябри соли 2021, №414 дар бораи “Стратегияи ҳифзи солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” ва дар доираи мавзуи илмии кафедраи дерматовенерологияи МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» Хусусиятҳои патогенез, равиши клиникӣ, оптимизатсияи табобати дерматозҳои сироятӣ ва ғайрисироятӣ, қайди давлатӣ №2535 барои солҳои 2025-2029 анҷом дода шудааст.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Аз рӯи натиҷаҳои рисола 11 корҳои илмӣ ба чоп расидаанд.

Муқаррароти асосии кори диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмию амалии олимони ҷавон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии

тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино (Душанбе, 2024, 2025); конференсияи илмию амалии ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино (Душанбе, 2025); симпозиуми асабшиносони Тоҷикистон (Душанбе, 2024, 2025) дар ҷаласаҳои Ҷамъияти неврологҳои Тоҷикистон «Нейрон» пешниҳод ва муҳокима гардиданд.

**Мавчудияти санадҳои тасдиккунандаи татбики натичахои илмӣ дар истехсолот ё имконияти татбик намудани онҳо**

Нуқтаҳои асосии илмӣ ва хулосаҳои амалӣ, ки дар ҷараёни иҷрои кори диссертатсионӣ ба даст оварда шудаанд, дар раванди табобатии Муассисаи давлатии «Маркази миллии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Шифобахш»» ва дар раванди таълимии кафедраи асабшиносии МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» инъикос ёфтаанд. Татбиқи усулҳои таҳияшуда ва маводи таҳлилӣ ба барномаи таълимӣ имкон медиҳад, ки сатҳи омодагии мутахассисон дар соҳаи асабшиносӣ баланд гардад.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқи диссертатсионӣ**

Тамоми ҳаҷми таҳқиқоти клиникӣ шахсан аз ҷониби муҳаққиқ анҷом дода шуда, шарҳи сарчашмаҳои адабиёти хориҷӣ ва ватанӣ омода, нақшаи таҳқиқот таҳия ва дараҷаи вазнинии беморӣ ба таври мустақилона арзёбӣ гардидааст. Аз ҷониби муаллиф таҳлили омории маълумотҳои ҳосилшуда амалӣ гардида, хулосаву тавсияҳои амалӣ тасвият дода шудаанд. Натиҷаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии таҳқиқ маърӯза ва дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ, байнидонишгоҳӣ, илмӣ-амалии донишгоҳие пешниҳод ва муҳокима шудаанд, ки тайи солҳои 2024-2025 дар Тоҷикистон ва берун аз ҳудуди он амалӣ шудаанд.

Диссертатсияи Раҳимзода Олим Шариф дар мавзуи “Оптимизатсияи ташхис ва муолиҷаи невралгияи баъдигерпесӣ” ба ихтисоси интихобшуда пурра мувофиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олиии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз

рӯи ихтисоси 3.1.11. Неврология мутобиқат менамояд: банди 3. - меъёрҳои клиникӣ - ташхисӣ ва дигар меъёрҳои бемориҳо ва осебҳои системаи марказӣ ва ғайримарказии асаб; банди 4. - коркарди усул ва меъёрҳои ошкорсозии бемориҳо ва осебҳои системаи марказӣ ва ғайримарказии асаб; банди 5. - муоличаи бемориҳо ва осебҳои системаи марказӣ ва ғайримарказии асаб, омӯзиши самарабахшии истифодаи методикаҳо ва технологияҳои нав (омилҳои фармакологӣ, физикӣ ва ғайра) мувофиқат мекунад.

Диссертатсияи "Оптимизатсияи ташхис ва муоличаи неврлагияи баъдигерпесӣ аз муқаддима, 5 боб, 19 параграф, хулоса, тавсияҳо ва руйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 11 мақолаи илмӣ, аз чумла 4 мақола дар мачаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда, интишор гардидааст, инчунин 1 пешниҳоди ратсионализаторӣ (рақами бақайдгирии 3653/R837 аз 20.09.2025) ва 1 шаҳодатномаи нахустпатент (рақами бақайдгирӣ 1717 аз 5.05.2026) ба қайд гирифта шудаанд, ки ҳаҷми умумии онҳо 4,5 ҷузъи чопиро ташкил мекунанд.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

1. Раҳимзода О.Ш. Современные подходы к диагностике постгерпетической невралгии [текст] / О.Ш. Раҳимзода, Н.А.Зарифи, М.Б. Исоева // Ж. "Симург". – 2024. – № 3 (23). – С. 158-165.
2. Раҳимзода О.Ш. Усулҳои муосири табобати невралгияи баъдигерпесӣ / О.Ш. Раҳимзода, Н.А. Зарифӣ, М.Б. Исоева, Ш.Р. Рабоева [матн] // Авҷи Зуҳал. – 2024. – № 4. – С. 121- 130.
3. Раҳимзода О.Ш. Показатели температуры кожи в зонах пораженнных дерматомов у больных с постгерпетической невралгией [текст] / О.Ш.

Раҳимзода, Н.А.Зарифи, М.Б. Исоева // Ж. “Симург”. – 2025. – № 3 (23). – С. 158-165.

4. Раҳимзода О.Ш. Зуҳуроти клиникии невралгияи баъдигерпесӣ вобаста ба категорияҳои синнусолии беморон [матн] / О.Ш. Раҳимзода, Н.А. Зарифӣ, М.Б. Исоева, Рабоева Ш.Р. // Авҷи Зуҳал. – 2025. – № 4. – С. 121- 130.

**II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаҳои дигар**

1. Раҳимзода О.Ш. Половозрастные особенности постгерпетической невралгии [текст] / О.Ш. Раҳимзода, Н.А.Зарифи, М.Б. Исоева // Материалы годичной (73-ой) научно-практической конференции “Наука и образование для здоровой нации” с международным участием ГОУ “ТГМУ имени Абуали ибни Сино”– Душанбе, 2025. – С. 364.

2. Раҳимзода О.Ш. Оценка риска развития постгерпетической невралгии у больных, проходивших противовирусное лечение в фазе острого герпеса [текст] / О.Ш. Раҳимзода, Н.А.Зарифи, М.Б. Исоева // Материалы годичной (73-ой) научно-практической конференции “Наука и образование для здоровой нации” с международным участием ГОУ “ТГМУ имени Абуали ибни Сино”– Душанбе, 2025. – С. 365-366.

3. Раҳимзода О.Ш. Нишондиҳандаҳои ҳарорати пӯст дар қитъаҳои дерматомаҳои иллатнокшуда ҳангоми бемориони мубтало ба невралгияи баъдигерпесӣ [матн] / О.Ш. Раҳимзода // Маводҳои 73ум конференсияи солонаи илмӣ-амалӣ бо иштироки хориҷӣ “Илм ва таҳсилот бахри солимии миллат МДТ “ДДТТ ба номи Абуаль ибни Сино”. – Душанбе, 2025. – С. 365.

4. Рахимзода О.Ш. Клинические фенотипы боли при постгерпетической невралгии: динамика фазового течения и локализационные особенности [текст] / О.Ш. Рахимзода, М.Б. Исоева, Н.А. Зарифи // Материалы республиканской научно-пракической конференции “Современные стратегии диагностики и лечения внутренних и эндокринных заболеваний в условиях коморбидности” ГОУ “ТГМУ имени Абуаль ибни Сино” – Душанбе, 2026.– С. 147-148.

5. Рахимзода О.Ш. Нарушения микроциркуляции при постгерпетической невралгии: локализационные особенности и системный характер вегетативной функции [текст] / О.Ш. Рахимзода, М.Б. Исоева, Д.М. Бобиева // Материалы республиканской научно-пракической конференции “Современные стратегии диагностики и лечения внутренних и эндокринных заболеваний в условиях коморбидности” ГОУ “ТГМУ имени Абуаль ибни Сино” – Душанбе, 2026.– С. 148-149.

6. Рахимзода О.Ш. Постгерпетическая невралгия как медико-социальная проблема [текст] / О.Ш. Рахимзода // Материалы международнолй научно-практической конференции молодых учёных и студентов ГОУ “ТГМУ имени Абуали ибни Сино”, посвященной 35-летию государственной независимости Республики Таджикистан “Прогресс и интеграция: научные достижения в клинике” ГОУ “ТГМУ имени Абуали ибни Сино” – Душанбе, 2026. – Том 1. – С. 435.

7. Рахимзода О.Ш. Типы микроциркуляции при постгеретической невралии: прогностическое значение и терапевтические ориентиры [текст] / О.Ш. Рахимзода, Н.Х. Негматова, Б. Сарвиноз // Материалы международнолй научно-практической конференции молодых учёных и студентов ГОУ “ТГМУ имени Абуали ибни Сино”, посвященной 35-летию государственной независимости Республики Таджикистан “Прогресс и интеграция: научные достижения в клинике” – Душанбе, 2026. – Том 1. – С. 435.

**Патент барои ихтироот**

1. Нахустпатенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №1717. Тарзи лазердопплерфлоуметрии дараҷаи вазнинии невралгияи баъдигерпесӣ / О.Ш. Рахимзода, М.Б. Исоева, Н.А. Зарифи, С.М. Абдуллозода. – 2026.

**Пешниҳоди навоварӣ**

1. Рационализаторское предложение. Способ оптимизации терапии постгерпетической невралгии / О.Ш. Рахимзода, М.Б. Исоева, Н.А. Зарифи, С.М. Абдуллозода. – Душанбе, 2026. – 3653/R1141.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Раҳимзода Олим Шариф дар мавзуи «Оптимизатсияи ташхис ва муоличаи невралгияи баъдигерпесӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз рӯи ихтисоси 3.1.11. Неврология, кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.
2. Диссертатсияи Раҳимзода Олим Шариф дар мавзуи «Оптимизатсияи ташхис ва муоличаи невралгияи баъдигерпесӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ, аз рӯи ихтисоси 3.1.11. Неврология, бо назардоштиислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии дахлдор тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи комиссияи проблемавии байникафедравии МДТ "ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино" аз фанҳои терапевтӣ санаи «31» январи соли 2026, №28 қабул гардидааст:

Иштирок доштанд: ҳамагӣ – 23 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 23 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

Раиси ҷаласа: Саидов Ё. У.

Котиби ҷаласа: Шарифова Н. Ҷ.

Имзоҳои Саидов Ё.У. ва Шарифова Н.Ҷ.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати рушди кадрӣ Сафаров Б.И. ____________________

31.01.2026г.